НАЗАР ТАБАРЗОДАИ ДЕХБАЛАНДӢ

# ТАЙЁРАИ НАВ ОМАД



# 90 сол



НАЗАР ТАБАРЗОДАИ ДЕҲБАЛАНДӢ

Мл 7072
П-13

НАЗАР ТАБАРЗОДАИ ДЕҲБАЛАНДӢ

# ТАЙЁРАИ НАВ ОМАД...

**(Барои хонандагони синфҳои поёнӣ)**



Китоб
Чумҳ...
7714-ТӮ
аб

Душанбе
«Ирфон»
2010

ББК -84(Тоҷик) 7 -5
Т-13

«Тайёраи нав омад». Назар Табарзодаи Деҳбаландӣ. «Ирфон». Душанбе –2010, 32 саҳифа.

Муҳаррир Н. Салимов
Муҳаррири техникӣ Т. Исмоилов
Тарроҳ Рамзия

БИ № 4138

Ба чоп 9.08.2010 с. имзо шуд. Формат 60х84 1/16. Қоғази офсетӣ. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 2,0. Адади нашр 5000.

Муассисаи нашриявии «Ирфон»-и Вазорати
фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734018, ш.Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев, 17.
*E-mail: irfon - company @ mail. ru*

4700000000 – 129
А ---------------------- – 2010
М 501 (12) – 2010

ББК -84 Тоҷик 7-5
Т-13

ISBN 978-99947-0-162-9

© Н. Табарзодаи Деҳбаландӣ, 2010.

## САРСУХАН

Шоири кӯдактабиату пири ботадбири мо, Назар Табарзодаи Деҳбаландӣ бо ашъори наваш табъи хонандагони хушзавқу қадршиносашро болида гардонд.

Ана мо боз як ашъори шоирро дар даст дорем ва ба олами кӯдакистон ворид шудем. Шоир бо лаҳҷаи ба худаш хос аз номи кӯдакон суханпардозӣ мекунад. Тарафҳои норавшани зиндагии кӯдаконро ба мо равшан менамояд. Бо лаҳни хушу гуворо ба мо нақл мекунад.

Шоир дар солҳои гуногун ашъори «Автобуси лаҷомдор», «Сайри кӯҳсор», «Гулҳои сабз», «Харбузаи барги най», «Дуои сабз», «Ҷӯяҳои сабз», «Рӯҳафзо» ва «Бобои ман деҳқон аст»-ро эҷод намуда ба дасти хонандагонаш супоридааст.

Шоир Назар Табарзодаи Деҳбаландӣ хонандагони сершумор дорад. Инҳо кӯдакони томактабӣ, мактаббачаҳо ва инчунин калонсолон мебошанд. Ҳар касе, ки ашъори шоирро ба даст мегирад, беандоза хушзавқ ва хушҳол мешавад ва аз шоир таманно мекунад, ки умри дароз бинаду минбаъд ҳам барои онҳо шеърҳои шӯху ширин ҳадя намояд.

## РОҒУН БАХТИ ТУ ХАНДИД

Роғун бахти ту хандид,
Халқи дунё туро дид.
Омада дар деҳи ту,
Файзи оламро такид.

Худо туро назар кард,
Деҳи туро дигар кард.
Шукри Худо бигӯ ту,
Оба ҳавзи Кавсар кард.

Нерӯгоҳи ту зӯр аст,
Овозааш ба дур аст.
Барқаш ба ҳамсояҳо,
Осоишу ҳузур аст.

Мо тоҷикон бахил не,
Аз ҳамсоя хиҷил не.
Ҳар чӣ ҳамсоя хоҳад,
Додани мо мушкил не.

Мо бо ҳамсоя шодем,
Бо ҳамдигар ободем.
Бо ҳамдигар қудоем,
Аз бадиҳо ҷудоем.

## МАКТАБ БА МО АЗИЗ АСТ
### (Суруд)

Мактаби мо калон аст,
Илми ҷаҳон дар он аст.
Мо бачагон мехонем,
Илми варо медонем.
Ҳамеша ӯ чун модар,
Моро гирифта дар бар.
То ки мо доно шавем,
Ба сӯйи фардо равем.
Моро хоно мекунад,
Моро доно мекунад.
Мактаб ба мо азиз аст,
Бахшандаи тамиз аст.
Мактаби мо зинда бод!
Мактаби мо зинда бод!



## МУАЛЛИМ ПЕШВОИ МО
### (Суруд)

Сар бишуд  хониши мо,
Манбаи дониши мо.
Муаллим аз мо ризо,
Муаллим аз мо ризо.

Муаллим ҷону мо тан,
Меомӯзад илму фан.
Гар муаллим набошад,
Не риштаем, не сӯзан.

Муаллим пешвои мо,
Муаллим пешвои мо.
Гар равшанӣ надиҳад,
Мо меҳӯрем пешпо.

## ЗИНДА БОШАД ИСТИҚЛОЛ
### (Суруд)

Ба пешвози Истиқлол,
Ма тайёрем моҳу сол.
Бо тӯҳфаҳои шоён,
Мегиремаш истиқбол.

Мо бачаҳои ӯем,
Озодаву дилҷӯем.
Ҳамеша дар тӯи ӯ,
Рақскунон мегӯем:
Зинда бошад истиқлол,
Зинда бошад истиқлол.

## РӮЗИ ҒАЛАБА

Бобои ман ҷанговар,
Ҷанговари диловар.
Аз панҷ ҷояш тир хӯрдаст,
Гушнагида намурдаст.
Аз барои Сталин,
Як по дода дар Берлин.
Пои дигар дар Маскав,
Бо умеди пойи нав.
Нашуд, омад ба хона,
Номи Гитлер намона.
Бо зону роҳ меравад,
Бо вою ваҳ меравад.

***(Рӯзи ғалаба 9.05. 1945 сол)***



## ТАЙЁРАИ НАВ ОМАД
**(Далер аз Маскав омад)**

Тайёраи нав омад,
Далер аз Маскав омад.
Ба бобо савғот овард,
Доруи наҷот овард.
Бобо аз ҳад пир шуда,
Аз пирӣ дилгир шуда.
Дар даҳонаш дандон нест,
Дар почаҳояш ҷон нест.
Далер асо овардай,
Ба қад расо овардай.
Бобо розӣ аз Далер,
Аз Далери ҳамчун шер.
Хубу аъло мехонад,
Дарсашро хуб медонад.
Бобо мехезад аз ҷо,
Кӯча мерад бепарво.



## БУД НАБУД, БУД ҚОРУН
### (Афсона)

Буд набуд, буд Қорун,
Молаш аз ҳад афзун.
Рамаҳояш дар дашт,
Чаро карда мегашт.
Дар хона нон надошт,
Вай гандум намекошт.
Як саночак[1] дар пушт,
Дарунаш пур аз гӯшт.
Мехӯрд гӯшта худаш,
Устухонаша сагаш.
Рама ронд, рама ронд,
Худаш мурд, номаш монд.

## ШАМОЛАКИ БЕПАРВО

Шамолаки бепарво,
Меградӣ дашту саҳро.
Кӯҳба зӯрат нарасид,
Мечунбонӣ себи мо.

Хоку қума мерӯбӣ,
Дар сари мо мекӯбӣ.
Шамолаки ҷақонак,
Боре накардӣ хубӣ.

– Ана ту хубима бин,
Мева резонам, ту чин.
Мевара серӣ хурдӣ,
Маро нагӯ ту, бадкин.

---

[1] Саноч – халтаи чармӣ

## АГАР ШАМОЛАК НАМЕБУД...

Аз абри нуқрагинам,
Аз хушкии заминам.
Як ҳафта шуд хабар нест,
Дуд аз гӯши алаф хест.
Хуршед аз реша нам хӯрд,
Лола дар беша гам хӯрд.
Пойи гандум варам кард,
Пеши шамол алам кард.
Шамолаки чаққонак,
Кӯҳҳоро кард помонак.
Сӯи Найсон сафар кард,
Абр аз Найсон хабар кард.
Дар як нафас омаданд,
Бо сад ҳавас омаданд.
Ҳаворо зуд пӯшиданд,
Ба боридан кӯшиданд.
Пойи гандум даво ёфт,
Ҷони гандум раҳо ёфт.
Шамол агар намебуд,
Пойи гандум шал мешуд.

## БАЧА ШАВАД РАҲГАРДОН

Бача шавад раҳгардон,
Оча шавад саргардон.
Аз дар берун меравад,
Ҷониби ҷӯ медавад.
Дар хоку лой олуда,
Меорадаш Мавлуда.
Чашми чапаш ба оча,
Чашми росташ ба кӯча.

## АЛЛАИ МОДАР
### (Суруд)

Дар чашму абрӯйи ту,
Дар қади дилҷӯйи ту.
Дар лаби хушгӯйи ту,
Ман мураму ман мурам.

Дар қаду бастат садқа,
Дар чашми  мастат садқа.
Дар даву шастат садқа,
Дар зеби дастат садқа.

Менависӣ, мехонӣ,
Ояндаро медонӣ.

## ТАЪРИФ

Хонамон дар пеши сой аст,
Дадаҷони ман нонвой аст.
Ӯ ҳар гаҳ, ки нон мепазад,
Дастархонамон аз нон бой аст.
Аз мактаб гар биёям ман,
Тайёракак нону чой аст.

Касби дадои ман хуб аст,
Нонпазӣ ба вай матлуб аст.
Медонӣ, эй ҷӯраҷон,
Ҳунар зеби мардон аст.

## ҲАВО БОРОН НАБОРАД

Баҳор агар набошад,
Деҳқон гандум напошад.
Ҳаво борон нарезад,
Дар ҷаҳон қаҳтӣ хезад.
Файзи баҳор аст борон,
Файзи баҳор аст борон.



## АЛБАТТА МАН ГАП МЕЗАНАМ

Дар пеши devori баланд,
Биншаста дидам Лоларо.
Хоке аз он девор канд,
Зуд дар даҳонаш кард ҷо.

Хоидаву бурдаш фурӯ,
Монанди ҳалво дар шикам.
Маҳбуба омад пешакаш,
Гуфто: – Магар хӯрдӣ ту хок?

Гап мезанам бар модарат,
Ояд кашад гӯши туро.
Шояд барори аз сарат,
Ингуна касби нораво.

Лола бигуфто: – Гап назан,
Пешам биё, қандат диҳам.
– Даркор не қандат ба ман,
Албатта ман гап мезанам.



## АЗ ШОНАИ ГУРГАК ҚИМОБ

Буд дар деҳаи таги кӯҳ,
Як марди бегаму андӯҳ.
Домуллораҳими қассоб,
Аз шонаи гургак[2] қимоб.
Як бача усал мекардаш,
Ранҷонда касал мекардаш.
Борҳо бигуфт, «Эй бача,
Ту шӯхӣ накун дар кӯча».
Аммо мекард, ӯ такрор,
Қапидаш дар пеши девор.
Аз оташи қаҳри бадаш,
Бардошта дар таги каш.
Ӯро паси девор бурд,
Ними гӯша сахт газид.
Алиакрамҷони арбоб,
Ба ӯ ниҳода номи боб:
Домуллогургаки қассоб,
Аз шонаи гургак қимоб.

---

[2] Шонаи гургак – растании бӯгин аст. Гургҳо ба ӯ худро мемоланд, то ки кайку канаҳои баданашон аз бӯйи нохуши ин растанӣ резанд.

## ФАЙЗИ ХОНА

Мижгоначон Мижгона,
Файзу барори хона.
Бо духтарҳо дугона,
Дар синфи ду мехона.

Аз мактаб гар биёяд,
Бар ҳавлиашон дарояд.
Аз худ дида калонро,
Бар ӯ салом мегӯяд.

Духтари зебо шудаст,
Чун гули раъно шудаст.
Дар кору бори хона,
Дастёри оча шудаст.

## БЕ ОБ ҲАЁТ НЕСТ

Мошинаи гапгирак,
Дар шикамаш фирфирак.
Дар кабинаш мешинӣ,
Аз пешониш мебинӣ.

Ҳар чо хоҳӣ меравад,
Дав гӯйияш, медавад.
Обаш диҳӣ мехӯрад,
Гар надиҳӣ мемурад.



7714-тӯхфа

# ТИРАМОҲ
## (Суруд)

Тирамоҳ ҳам охир шуд,
Меваҳо ҷамъугир шуд.
Дар аввали декабр,
Зимистон зуд ҳозир шуд.

Шаппаракҳои зебо,
Пинҳон шуда ба ҳар ҷо.
То наравад зимистон,
Намебинем онҳоро.

Аз тори себи ширин,
Фуруд омад бар замин.
Чун кафтари гурусна,
Барги зарди охирин.



## БАРОДАРӢ
### (Суруд)

Абри борон меояд,
Сабзадамон меояд.
Агар абрак набошад,
Бӯйи бирён меояд.

Ҳай беқарор аст абрак,
Авҷу барор аст абрак.
Абракро ман медонам,
Ҷони баҳор аст абрак.

Боғи абрак баҳор аст,
Оби абрак анҳор аст.
Шамол агар набошад,
Абрак як ҷо қарор аст.

Дониста мон бародар,
Бе ёрии ҳамдигар.
Нашудааст то ҳоло,
Кори касе баробар.

## РОҲАТ АЗ КОР АСТ

Роҳат роҳати кор аст,
Бекор одами хор аст.
Агар меҳнат набошад,
Куҷо нони тайёр аст?

## МОРО СУРОҒ ОМАДӢ?

Булубли боғ омадӣ?
Хуш бо димоғ омадӣ.
Аз ёдакат нарафтем,
Моро суроғ омадӣ?

## ҚАЛАМ

Қалами хушхабарам,
Рафиқи ранҷбарам.
Муниси кӯру карам,
Ҷойи ту пеши барам.

Хизматгори беминат,
Дар навиштан хушҳиммат.



## МАЙМУНЧАИ ИҒВОГАР

Маймунчаи raққосӣ,
Таспидаю сар хорид.
Борони шарраќосӣ,
Аз аввали шаб борид.

Дар оби чун оина,
Омад хасу хошокӣ.
Пӯсидаи порина,
Бад шуд оби нӯшокӣ.

Аз кӯҳу дашту ёла,
Сели калон биёмад.
Кафтарҳо села – села,
Дар катакҳо даромад.

Маймунчаи иғвогар,
Иғво накун ту дигар.
Сари ту хорад агар,
Дастатро қап пеши бар.

## ШАҲРИ МАН
(Суруд)

Шаҳри ман аз ҳама боло шудаӣ,
Сайқали маъвои дилҳо шудаӣ.
Бо ҳама ҳашмату зебоии худ,
Дар дилу дар дидаҳо ҷо шудаӣ.

Каси бад дар раҳи ту хор шавад,
Равад, дар ҳақи ту зор шавад.
Шаҳри ман, сабзаю себаргаи ту,

Насиби мардуми хушкор шавад

## АЗ МЕҲНАТИ ПОКИ Ӯ
### (Суруди баҳор)

Бай-бай, ки баҳор омад,
Ҳай турна қатор омад.
Сад нағма аз шохи гул,
Аз базми ҳазор омад.

Ин боғи боборо бин,
Ҳам пешу қафоро бин.
Гул карда дарахтонаш,
Ин ҷӯши сафоро бин.

Зардолую ноки ӯ,
Шафтолую токи ӯ.
Ин сол диҳад ҳосил,
Аз меҳнати поки ӯ.



## НОЗИ БАҲОР

Як рӯзи баҳоре буд,
Вақти гули хоре буд.
Сад барраву бузғола,
Дар дашту гулзоре буд.

Ду абри бало омад,
Аз пешу қафо омад.
Чун уштури девона,
Бо шӯру наво омад.

Ҳамроҳи шамол омад,
З-ӯ бӯйи малол омад.
Аз домани пуржола,
Бар гулҳо завол омад.

Дар дараву дар ёла,
Борид чунон жола.
Бигрехт ба сӯйи деҳ,
Он барраву бузғола.

Дар ду дара сел омад,
Харсанг ба ғел омад.
Гӯсфанди тарошида,
Ларзида ба ҳел омад.

Аз абр парид оташ,
Кӯҳе бигирифт оташ.
Он сабзаи пеши кӯҳ,
Гӯё бичирид оташ.

Вақти гули хоре буд,
Бедории море буд.
Он ашки равони ток,
Аз нози баҳоре буд.

## ОИНАИ ҶАҲОНАМО

Оинаи Ҷаҳонамо,
Моҳа ба ман бинамо.
– Моҳ ин бегаҳ шом хӯрдаст,
Шом аз бемоҳӣ мурдаст.
Ба мотамаш рӯз омад,
Бо ҷеғи хурӯс омад.
Хуршед омад дуо хонд,
Рӯза бурду шома монд.

## ОФТОБ

Эй Хуршеди самоӣ,
Рӯзона дар ҳавоӣ.
Дар дарунат чӣ дорӣ,
Ин қадар бедавоӣ?

Қанду шакар қиммат шуд,
Бозорам беҳиммат шуд.
Агар қанд дошта бошӣ,
Дар бозори мо чошӣ.

Дар он бору бандӣ ту,
Арзон бошад қандӣ ту.
Дар қанди ту моем зор,
Дар бозори мо фарор.

## СИТОРАИ РӮЗИ МАН

Ситораи рӯзи ман,
Ғамхору дилсӯзи ман.
Дилам лабрези ғам буд,
Шудӣ пандомӯзи ман.

Аз панди чу қанди ту,
Аз меҳри дахчанди ту.
Дарду ғам аз дилам рафт,
Дар ҷонам пайванди ту.

Як қарн зинда бошӣ,
Дар ёдам монда бошӣ.
Дар хонаҳои бахтат,
Бо лаби ханда бошӣ.

Ситораи рӯзи ман,
Ғамхору дилсӯзи ман.

## МАН МЕВАИ МОДАРАМ

Модар аз синаи покаш ширам додаст,
То мард шавам, ӯ дилпазирам додаст.
Ин модаракам ба ҷон баробар бошад,
Дар тори сарам чу моҳу ахтар бошад.
Ҳар гаҳ нигарам ба чаҳраи маҳзунаш,
Ғамҳои дили варо кунам берунаш.
Ёду ҳуши ман фақат дар шеваи ӯ,
Вай боғи падар бошад, ман меваи ӯ.

## ОҲЕ! ЧАШМАМ ДАРИДЕ!

Хуршедаки самоӣ,
Ту зиндагии моӣ.
Бо ту кунам якдамак,
Бозии чашмбарак.
– Оҳе! Чашмам дариде,
Қариб  аз сар париде!
Хуршедаки самоӣ,
Ту дар бозӣ балоӣ.
Чашмама хира сохтӣ,
Ту бозиро бохтӣ.

## БАҶОШАВАКОН

Офтобаки гармакак,
Гармакаки нармакак.
Бо ман баҷошавон кун,
Ҳарчӣ гӯям ҳамон кун.
Ана, биё сар кардем,
Бо ҳам баробар кардем.
Ана, ман баҷо шудам,
Канӣ гӯ, куҷо шудам?
Нигаҳ кардӣ надидӣ,
Ширин, ширин хандидӣ.
Ман дар пушти дар будам,
Дар пеши додар будам.
Аз ин бозӣ ман шодам,
Навбатро ба ту додам.
Пуштам ба ту, кардам сабр,
Баҷо шудӣ пушти абр.
Гарчи туро надидам,
Бозиро ман буридам.

## МӮРЧА КАСАЛ ШУДАСТ

– Модарам касал шуд,
Дасту пояш шал шуд.
Пашшаҷон, пашшаҷон,
Ту паррону чаққон.
Дар пуштат монам бар,
Ба хона, пеши дар.
Хонаро медонӣ,
Бурда ҳам метонӣ.
– Хонаро медонам,
Бурда ҳам метонам.
Ман дар хизмат тайёр,
Ту ба ёдат биёр.
Малахак касал буд,
Дасту пояш шал буд.
Ту ёрӣ надодӣ,
Аммо кардӣ шодӣ.
Мӯронро фармудӣ,
Аз вай беғам будӣ.
Вайя хона бурдӣ,
Бо ёронат хӯрдӣ.
Малахак лаънат хонд,
Дили ман аз ту монд.

## АЙБ АЗ ХУДАТ

Эй себаки дуқӯша,
Худо туро мекуша.
Аз навдаат афтодам,
Дили ман пур шуд аз гам.
Беёду ҳуш хобидам,
Туро дигар надидам.
Ту будӣ себи бадфеъл,
Намекунамта побел.
Решат шавад беҳаво,
Чун ман шавӣ бедаво.
Себ гуфто: – Эй бача,
Омадӣ ту аз кӯча.
Туро биё нагуфтам,
Торам баро нагуфтам.
Гила накун ту бечо,
Айб аз худат, на аз мо.



## ДАР ДАРИ БОҒАМ СЕБ АСТ

Дар дари боғам себаст,
Себи сурхи базебаст.
Ҳар раҳгузар, ки бинад,
Нафсаш коҳида чинад.
Ошаш шавад себи ман,
Себаки базеби ман.
Чун ки вақти шинондан,
Дар вақти оят хондан

Гуфтам: Аз барои Худоям,
Ҳар кас хӯрад ризоям.

## ЭЙ ШАМОЛАК
### (Суруд)

Шамолак,эй шамолак,
Омаданат муборак.
Аз саҳар то ними рӯз,
Кучо шудӣ бедарак.

Дар зимистон рӯзу шаб,
Як дам намекунӣ хап.
Аз вазиши сарди ту,
Ларза кунад дасту лаб.

Дар фаслаки тобистон,
Бар мо ёрӣ бирасон.
Агар ёрӣ надиҳӣ,
Наё дигар зимистон.

## КИНА НАДОРАМ ДИГАР

Санге аз рӯйи роҳам,
Задам ба пеши пойям.
Ғелида рафт дарё,
Нолида рафт дарё.
Он гаҳ рафтам ба хона,
Апаҷонам  Ҷонона.
Барои ман ош овард,
Дар вақташ дар чош овард.
Бо иштиҳо мехӯрдам,
Дар коса монда буд  кам.
Ногаҳ ба зери дандон,
Санге ба  чени марҷон.
Дандонамро шикаст ӯ,
Иштиҳоям бубаст ӯ.
Гирифтам дар кафи даст,
Гуфтам: ба ман кардӣ қасд!
Дандонамро шикастӣ,
Иштиҳоямро бастӣ.
Ту будӣ хеши он санг,
Ту кардӣ номусу нанг.
Ҳар ду шудем баробар,
Кина надорем дигар.

## МУНДАРИЧА

Сарсухан........................................ 5
Роғун бахти ту хандид........................................ 6
Мактаб ба мо азиз аст ........................................ 7
Муаллим пешвои мо. Зинда бод истиқлол ........................................ 8
Рӯзи ғалаба........................................ 9
Тайёраи нав омад........................................ 10
Буд набуд, буд Қорун........................................ 11
Шамолаки бепарво........................................ 11
Агар шамолак намебуд ........................................ 12
Бача шавад раҳгардон ........................................ 13
Аллаи модар........................................ 13
Таърифф........................................ 14
Ҳаво борон наборад........................................ 14
Албатта ман гап мезанам ........................................ 15
Аз шонаи гургак ........................................ 16
Файзи хона ........................................ 17
Бе об ҳаёт нест ........................................ 17
Тирамоҳ ........................................ 18
Бародарӣ ........................................ 19
Роҳат аз кор аст ........................................ 19
Моро сурoғ омадӣ. Қалам ........................................ 20
Маймунчаи иғвогар. Шахри ман........................................ 21
Аз меҳнати поки ӯ ........................................ 22
Нози баҳор ........................................ 23
Оинаи ҷаҳоннамо. Офтоб ........................................ 24
Ситораи рӯзи ман. Ман меваи модарам ........................................ 25
Оҳе! Чашмам дариде! Баҷошавакон ........................................ 25
Мӯрча касал шудаст........................................ 27
Айб аз худат........................................ 28
Дардари боғам себ аст. Эй шамолак ........................................ 29
Кина надорам дигар........................................ 30
Дар ёди фасли дилнишин........................................ 31